*Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-017-и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*
*Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи С.Айнӣ, 44.*
*E-mail: boboev.komil@list.ru Тел.: 911-00-48-84*

# *ТАҚРИЗ*

***ба автореферати Қодирзода Фарҳод Анвар дар мавзӯи «Омилҳои институтсионалии таъмини амнияти сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.13. - Иқтисодиёти ҷаҳонӣ пешниҳод шудааст***

Амнияти сармоягузорӣ ҳамчун звенои муҳими амалӣ намудани маҷмӯи тамоми чорабиниҳо оид ба таъмини амнияти иқтисодии давлат тавсиф мeёбад. Ин аз он сабаб аст, ки кишварҳои донори сармоягузориҳо манфиатҳои шахсии худро дар раванди сармоягузорӣ пайгирӣ намуда, ба ивази соҳиб шудан ба захираҳои табиӣ, сармояи инсонӣ, гирифтани фоидаи зиёд сармоягузорӣ мекунанд, ки дар бисёр ҳолат бар зарари манфиатҳои иқтисодии мамлакати сармояворидкунанда мебошад. Аксар вақт равандҳои байналмилалии сармоягузорӣ ҳамчун воситаи фишороварии сиёсӣ тавассути ҷорӣ намудани таҳримҳо ва эмбаргҳои гуногун истифода мешаванд. Мутаассифона, назарияи муосири иқтисодӣ ҷанбаи таъсири мутақобилаи омилҳои институтсионалии дохилӣ ва берунии сармоягузориҳои хориҷиро амалан инкор мекунад, ки ин ба баландшавии назарраси хавфи ба ҳисоб нагирифтани бавуҷудоии таҳдидҳои доимӣ ба амнияти сармоягузорӣ ва имкони паст кардани онҳо меоварад.

Ба ақидаи муаллиф, дар баробари ин, мавҷудияти бӯҳронҳои гуногун (молиявӣ, сиёсӣ) дар доираи иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва дар дохили ин ё он кишвар ба таври оммавӣ баровардани сармояи хориҷӣ тахти таъсири ба истилоҳ «консепсияи сироятии буҳронӣ» мусоидат мекунад, ки ин масъалаи омӯзиши омилҳои институтсионалии таъмини амнияти сармоягузории хориҷиро дар шароити глобализатсияи иқтисодиёти ҷаҳонӣ боз ҳам мубрам мегардонад. Аз ин рӯ, барои Тоҷикистон ҳамчун кишвари манфиатдор ба сармоягузории хориҷӣ, зарурати таҳкими робитаи мутақобил бо бозори ҷаҳонии сармоя ба миён омадааст. Имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки сиёсати саноатӣ ва махсусан, саноатикунонии босуръат ҷузъи ҷудонашавандаи сиёсати иқтисодии давлат ба ҳисоб меравад, ба таъмини амнияти иқтисодӣ нигаронида шудааст ва қисми таркибии он амнияти сармоягузорӣ мебошад. Умуман, дар шароити дар сатҳи баланд кушод будани иқтисодиёти миллӣ, давлат бояд тадбирҳои пайгиронаро дар кишвар барои ба вуҷуд овардани асосҳои иқтисодиёти бисёрукладӣ омӯхта ва рушди муҳити боинсофона ва одилонаи бозориро роҳандозӣ намояд. Ин кӯшишҳо ба рушди рақобат ва ҷалби сармояҳои хориҷӣ нигаронида шудааст, ки онҳо бояд омилҳои ҳавасмандкунандаи молистеҳсолкунандагони ватанӣ дар истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир ва коҳиш додани

харочоти истеҳсолот гарданд. Дар ин ҳошия имрӯз дар Ҷумҳурӣ раванди ҷалби сармояи хориҷӣ идома дошта, раванди такмили заминаи қонунгузорӣ давом ёфта, инчунин, муайяннамоии асосҳои ташкилию ҳуқуқии ҷилавгирӣ, маҳдуднамоӣ ва пешгирии фаъолияти инҳисорӣ ва рақобати беинсофона пеш рафта истодааст, ки махз ҳалли ҳамин масъалаҳои дар доираи мавзӯи диссертатсионии ҳозира мавриди таҳқиқот қарор гирифта истодааст, ки яке аз мавзӯи муҳим ва дар айни ҳол ҳалталаб ба ҳисоб меравад.

Дар баробари муваффақиятҳои муҳими автореферат, ҳамзамон, хубтар мешуд, агар муаллиф ба нуктаи зерин низ таваҷҷӯҳи бештар менамуд:

Дар автореферат ҷанбаҳои мусбии фаъолгардони ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, ки ин албатта боиси дастгирӣ мебошад. Вале мазмун ва мундариҷаи автореферат ранги дигар мегирифт, агар муаллиф ба тарафҳои манфии ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ низ диққати ҷиддӣ медод. Инчунин, беҳтар мешуд, агар муаллиф таъсири ногувори COVID-19-ро боз ҳам чуқуртар таҳлил менамуд, ки дар натиҷаи таъсири манфии он зиёда аз миллиардҳо доллар ба фазои сармогузориҳо ва амалӣ нагардидани садҳо лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар кишварҳои алоҳидаи дунё зарари молиявӣ расонида шуд.

Вале, пешниҳодҳои баррасишуда хусусияти тавсиявӣ дошта, мазмун, мундариҷа ва сатҳи илмии авторефератро паст карда наметавонад ва автореферати диссертатсияи докторӣ, таҳлили илмии худро ёфта, хулосаю пешниҳодҳо дар сатҳи даркорӣ асоснок гардидаанд.

Дар маҷмӯъ, автореферат дар мавзӯи «Омилҳои институтсионалии таъмини амнияти сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», аз рӯи натиҷаҳои илмӣ ва амалии худ ҷавобгӯи талаботҳои 31 ва 33-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 январи соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия карда шуда, муаллифи он Қодирзода Фарҳод Анвар арзандаи дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.13 - Иқтисодиёти ҷаҳонӣ мебошад.

**Доктори илмҳои иқтисодӣ,**
**профессори кафедраи**
**фаъолияти гумрукии ДДМИТ** **Мирсаидов С.А.**

**Имзои д.и.и. Мирсаидов С.А.-ро тасдиқ мекунам.**

**Сардори раёсати**
**кадрҳо ва корҳои махсуси ДДМИТ** **Шарипов У.А.**

ШӮЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**
**734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/4**
**Тел: (+992) 7802994**
**E –mail: surush-sa@mail.ru**